«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия

_____________ Насуриён П.А.
«08» 06 соли 2026

# СУРАТҶАЛАСАИ № 10

ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 06 июни соли 2026 ш. Душанбе

**Раискунанда: н.и.ҳ., полковники милитсия Тоҳирзода О.Т.**
**Котиб: н.и.ҳ., полковники милитсия Одиназода Н.С.**

**Иштирок карданд:** сардори кафедра, н.и.ҳ., полковники милитсия Тоҳирзода О.Т., муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, д.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р., сардори ШТИ ва ТН Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия Нарзуллозода С.С., профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти судӣ-экспертии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ямакова З.Д., сардори кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии факултети №5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Арипов А.Л., профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Қодирзода Ғ.Н., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т., профессори кафедра, полковники милитсия Муҳитдинзода Н.М., дотсенти кафедра, полковники милитсия Убайдуллоев Ш.Э., муаллими кафедра, н.и.ҳ., полковники милитсия Одиназода Н.С., муаллимони калони кафедра, подполковники милитсия Муҳитдинзода Ф.М., капитани милитсия Маҳмараҳимзода Ф.М., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии

факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковиники милитсия Урфонзода Д.С. ва муаллим-методисти калони қисми таълимии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Дадазода Д.О.

РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.**

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти судӣ-экспертии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ямакова Зумрад Дадаҷановна.**

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Сулаймонзода Рустами Неъматуло баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва мубрамият, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар тӯли солҳои охир афзоиши устувори сатҳи ҷинояткорӣ мушоҳида гардида, он бо мураккабшавии шаклҳои ташкилии он, шиддат гирифтани хусусияти таҷовузкоронаи фаъолияти ғайриқонунӣ, инчунин болоравии дараҷаи ҷиноятҳои аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятӣ ва шахсони алоҳида содиршуда ифода меёбад.

Дар чунин ҳолатҳо пайдошавӣ ва рушди фаъолонаи усулҳои наву мураккаби содир кардан ва пинҳон намудани ҷиноятҳо, барои фаъолияти криминалистӣ мушкилии иловагӣ эҷод намудаанд. Ин тағйирот раванди тафтишотро ба таври ҷиддӣ душвор мегардонад ва аз илми криминалистика таҳия ва ҷорӣ намудани усулҳои муосиру илман асоснокро талаб мекунад. Дар навбати худ ин имкон медиҳад, ки ба муҳити ҷиноятии дар ҳоли тағйирёбӣ қарордошта самаранок муқобилият намояд. Дар чунин шароит,

мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва судҳо ҳарчи бештар бо таҳдидҳои ошкоро, кӯшишҳои порадиҳӣ ва иръоби ҷабрдидагон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Чунин шаклҳои фишор ба он равона шудаанд, ки беғаразии тафтишотро халалдор намоянд ва ба муайян кардани ҳақиқат оид ба парванда монеъ шаванд. Вақте ки муқовимат дар шакли рад кардани ҳамкорӣ аз ҷониби шоҳидон бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё сохтакории далелҳо тавассути додани шаҳодати бардурӯғ зоҳир мегардад, вазъият махсусан нигаронкунанда мешавад. Миқёси чунин ҳолатҳо хусусияти низомнок пайдо намуда, дар натиҷа мансабдороне, ки таҳқиқот мебаранд, ҳарчи бештар дар ҳолатҳои мушкил ва баъзан ноумед қарор мегиранд, ки на танҳо омодагии баланди касбӣ, балки истифодаи чораҳои махсуси тактикӣ ва мурофиавиро барои бартараф намудани монеаҳои ба вуҷудомада талаб менамояд.

Фаҳмиши дурусти моҳияти усули тактикӣ ва муайян кардани дараҷаи эътимоднокии он ҳангоми гузаронидани тафтиши ҷиноятҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ нақши калидӣ дорад. Танҳо дар асоси чунин фаҳмиши дуруст мумкин аст хати равшане байни усулҳое, ки метавонанд ба таври қонунӣ ва ахлоқӣ татбиқ шаванд ва онҳое, ки аз ҳадди иҷозатдошта берунанд, муайян карда шавад. Ин на танҳо самаранокии чорабиниҳои тафтишотиро таъмин мекунад, балки риояи меъёрҳои ҳуқуқиро низ таъмин намуда, пешгирӣ аз вайроншавии эҳтимолии ҳуқуқи иштирокчиёни раванди тафтишотро ба амал меорад. Бештар аз ҳама, фаҳмиши ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ ба ташаккули меъёрҳои ягонаи раванди тафтишӣ мусоидат мекунад, ки ин эътимод ба низоми ҳифзи ҳуқуқро қавӣ мегардонад ва сифати тафтишотро дар маҷмӯъ метавонад баланд бардорад.

Масъалаи фаҳмишу моҳият ва меъёрҳои истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо аллакай диққати олимони ҳуқуқшинос-криминалистҳоро ҷалб кардааст. Бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқоти илмӣ дар ин соҳа, равишҳо ба ҳалли он гуногун ва баъзан нокифоя асоснок шудаанд, ки ин хатари истифодаи номусоиди усулҳои тактикӣ дар амалро ба вуҷуд

меорад. Ин гуна ноаёнӣ метавонад боиси коҳиш ёфтани самаранкоии амалҳои тафтишӣ гардадида, раванди исботкуниро мураккаб намояд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар раванди муосири мурофиаи ҷиноятӣ усулҳои тактикӣ нақши марказӣ доранд ва ҳамчун воситаи асосӣ хизмат мекунанд, зеро тавассути онҳо муфаттиш маълумоти боэътимод ба даст оварда, шароити муҳимми содир шудани ҷиноятро муайян менамояд ва эътимоднокии далелҳоро таъмин мекунад. Ин усулҳо на танҳо имкон медиҳанд, ки маълумотҳо бо тарзи тафтишотӣ ҷамъоварӣ шаванд, балки рафтори иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро пешгӯӣ намоянд ва сифати қарорҳои дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо қабул мешударо баланд бардоранд.

Бо вуҷуди он ки олимон ва мутахассисони соҳаи криминалистика ва инчунин мурофиаи ҷиноятӣ ба масъалаҳои тасниф, истифода ва амалӣ кардани усулҳои тактикӣ таваҷҷуҳи назаррас доранд, корҳои намоён омода шудаанд, аммо дар назария ва амалия як қатор масъалаҳои ҳалнашуда боқӣ мондаанд. Аввалан, дар муайян намудани моҳияти худи усулҳо ва меъёрҳои эътимоднокии онҳо гуногунандешии назаррас мушоҳида мешавад. Ин ҳолат ба мушкилоти таҳия намудани стандартҳои ягона меорад ва татбиқи пайвастаи онҳоро ҳангоми тафтиш душвор мегардонад. Дуюм, набудани равиши низомнок барои арзёбӣ кардани самаранокӣ ва қонунии истифодаи усулҳои тактикӣ метавонад боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои мурофиавии иштирокчиён, аз ҷумла гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва шоҳидон гардад. Ин гуна камбудиҳо метавонанд ба қонунвайронкунӣ оварда расонад, таъмини адолатро дар парвандаҳои ҷиноятӣ мушкил созад ва эътимодро ба кормандон ва ҳатто низоми ҳифзи ҳуқуқ коҳиш диҳанд.

Бо дар назар гирифтани ҳолатҳои зикршуда, таҳқиқи роҳҳои тактикӣ, ченакҳои қобили қабул будан, хусусиятҳои истифодаи онҳо ва ҳамчунин таъсири онҳо ба самаранокии тафтишот то ҳол хеле муҳим боқӣ мемонад. Таҳқиқоти мазкур барои рушду таҳкими илми криминалистика ва мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии раванди тафтиши ҷиноятҳо дар маҷмӯъ мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, дар доираи таҳқиқоти

мазкур тавсияҳои методии низомнок барои мақомоти тафтишотӣ таҳия мешаванд, ки ягонагӣ ва стандартизатсияи равишҳои тактикиро дар тафтиши ҷиноятҳо таъмин мекунанд. Дар навбати худ, ин сатҳи баланди ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро таъмин намуда, эътимоди ҷомеаро ба низоми ҳифзи ҳуқуқ мустаҳкам намуда, сифати исботро баланд хоҳад кард. Ҳамчунин, дарки дурусти асосҳои тактикаи криминалистӣ ба ташаккули қобилияти кормандони амалӣ барои интихоб ва татбиқи намунаи муносибтарини рафтор ё усули самараноки амал дар вазъияти мушаххаси тафтишотӣ, ки ҳангоми тафтиши парванда ба вуҷуд меояд, мусоидат менамояд ва истифодаи усулҳои тактикии ғайриқонунӣ, беасос ва шубҳаовар пешгирӣ менамояд.

Мақсади асосии дисертатсия аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи назария ва амалияи татбиқи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтишоти ҷиноятҳо ва таҳияи пешниҳодоти илман асоснок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ иборат мебошад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., полковники милитсия Тоҳирзода О.Т., н.и.ҳ., полковники милитсия Арипов А.Л., н.и.ҳ., полковники милитсия Одиназода Н.С. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Сулаймонзода Рустами Неъматуло ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ямакова З.Д. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Сулаймонзода Р.Н. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охири ҷаласа аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Раиси ҷаласа н.и.ҳ., полковники милитсия Тоҳирзода О.Т. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ҳисобида, онро барои ҳимоя тавсия намуд.

Қайд гардид, ки Сулаймонзода Рустами Неъматуло муҳаққиқи пурмаҳсул ба шумор рафта, муаллифи 9 таълифоти илмӣ маҳз дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии хеш мебошад, ки аз ҷумла, 4-тои он ҳамчун мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҷузъиёти алоҳидаи масъалаи таҳқиқотии диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Сулаймонзода Р.Н. ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод.

Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади муқарризон ва дигар баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ;

фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 6 июни соли 2026 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 14 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа: Тоҳирзода О.Т.

Котиби ҷаласа: Одиназода Н.С.

Имзои «Тоҳирзода О.Т. ва Одиназода Н.С. »-ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

«08» 06 соли 2026

Суроға: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Мастонгулов, 3, тел: +(992 37) 226-60-42, факс: +(992 37) 226-60-43, Веб.сайт – www.avkd.tj, e-mail: academia@vkd.tj